# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗА ОИДИ АЪЗОИ ОИЛАИ МОЛИК ЭЪТИРОФ НАМУДАН ВА МАСКУН НАМУДАНИ ШАХС БА МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ

Аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун намудани шахс ба манзили истиқоматӣ бо Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудааст.

## Доираи шахсоне, ки метавонанд аъзои оилаи молик эътироф шаванд

Шахсони зерин, ки дар манзили истиқоматии молик бо ӯ доимӣ истиқомат мекунанд, метавонанд аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф шуда, ба он маскун шаванд:

- ҳамсар;
- фарзандон;
- падару модар;
- бобо;
- бибӣ;
- наберагон ва аберагон.

**Бояд донист!**

Дар ҳолатҳои истисноӣ шахсони дигар низ метавонанд аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф карда шаванд, агар онҳо бо розигии молик дар ҳамин манзили истиқоматӣ ба таври доимӣ бо молики манзил истиқомат карда бошанд.

### Ҳуқуқҳои аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ:

- дар баробари молик манзили истиқоматиро истифода баранд, агар ҳангоми маскун шудани онҳо ба манзили истиқоматӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад;
- фарзандони ноболиғи худро дар қисми манзили истиқоматии барояшон ҷудонамудаи молики манзили истиқоматӣ маскун намоянд;
- бо розигии молики (моликони) манзили истиқоматӣ аъзои дигари оилаи худро маскун намоянд.

### Уҳдадориҳои аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ:

- манзили истиқоматиро дар ҳолати муносиб нигоҳ дошта, талаботи санитарию гигиенӣ, экологӣ, меъморию шаҳрсозӣ, зидди сӯхтор ва талаботи дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, риоя намояд;

– ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҳамсояҳоро эҳтиром ва риоя намояд;
– қоидаҳои истифодабарии манзилҳои истиқоматӣ, инчунин қоидаҳои нигоҳдории молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ ва ҳудуди назди хонаро риоя намояд;
– маблағи хизматрасониҳои коммуналӣ, таъмири манзили истиқоматӣ ва маблағҳои дигарро вобаста ба истифода ва нигоҳдории зарурии манзили истиқоматӣ, аз ҷумла маблағҳои вобаста ба нигоҳдории молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ ва ҳудуди назди хонаро, сари вақт пардохт намояд.

## Тартиби аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан

**Бояд донист!**

Баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф кардан ва маскун намудани шахс бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд. Дар баробари масъалаҳои зикргардида дар суд масъалаи ба қайди манзили зист гузоштан, низ ҳал карда мешавад.

Барои мурочиат ба суд оиди аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан шахсро зарур аст ариза даъвогӣ оид ба аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф намудан, маскун кардан ва ба қайди зист гузоштан тартиб диҳад. Аризаи зикршуда тибқи намунаи дар зер овардашуда тартиб дода шуда, ба суди маҳалли ҷойгиршавии манзили истиқоматӣ, бо замима гардидани ҳуҷҷатҳои зерин, супорида мешавад:

– Нусхаи аризаи даъвогӣ бо замимаҳо ба ҷавобгар ва ҳамҷавобгар;
– Расиди пардохти маблағи боҷи давлатӣ;
– Маълумотнома аз ҷои истиқомати даъвогар;
– Нусхаи шиносномаи даъвогар;
– Нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ, агар никоҳи расмӣ бошад;
– Нусхаҳои шаҳодатномаҳои таваллуди кӯдакон, агар фарзандон бошанд;
– Нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки робитаи хешутабориро бо молики мазил тасдиқ менамояд;
– Нусхаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи манзили истиқоматӣ (ҳуҷҷатҳои техникӣ- шартномаи хариду фуруш, ҳадя, шаҳодатномаи қабули мерос тибқи васиятнома ва ё қонун, дигар);
– Далелҳое, ки истиқомати доимиро бо молики манзили истиқоматӣ тасдиқ менамоянд.

## Аз хотир набаоред!

Аризаи даъвогӣ бояд аз ҷониби даъвогар имзо шавад. Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби намояндаи даъвогар, ба он бояд ваколатномаи додаи даъвогар ҳамроҳ карда шавад.

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаи даъвогӣ ба суд оиди аъзои оилаи молик эътироф намудан, маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ва ба қайди зист гузоштан оварда шудааст. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намуна истифода баред.

*Намуна*

**Ба Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Даъвогар:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар),* **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар),* **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Ҷавобгарон:** *(насаб, ном ва номи падари ҷавобгари I (шавҳар)),* **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷавобгар),* **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷавобгар)*

*(насаб, ном ва номи падари ҷавобгар II (хусур)),* **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷавобгар),* **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷавобгар)*

**Шахси сеюм:** Бахши бақайдгирию шиносномадиҳии ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

**АРИЗАИ ДАЪВОГӢ**
**/Дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан, маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ва ба қайди зист гузоштан/**

Бо ҳамсарам ________________ *(ному насаби ҷавобгар I)* 25 феврали соли 2019 оила барпо намуда, аз зиндагии якҷоя соҳиби ду фарзанд ________________ *(ному насаби фарзанди I)*, санаи таваллудаш 24 майи соли 2019 ва ________________ *(ному насаби фарзанди II)*, санаи таваллудаш 03 маи соли 2022 гардидем, ки айни замон фарзандонамон дар тарбияи ман қарор доранд.

Вақте, ки оила барпо намудам, ба манзили истиқоматии хусурам, яъне ҷавобгар ______________ *(ному насаби ҷавобгар II)*, ки воқеъ дар шаҳри __________, ноҳияи _________, кӯчаи ________, хонаи ______ *(суроғаи манзили ҷавобгар II)*

мебошад, дар ҳуҷраи масоҳаташ 15,9 метри мураббаъ маскун шуда, дар ҳамин хона соҳиби ду фарзанд гардидам.

Соли равон муносибати оилавиам бо ҳамсарам бад шуда, маро бо фарзандонам аз манзили истиқоматиашон пеш карданд. Айни замон ман бо фарзандон дар хонаи ба иҷора гирифта зиндагӣ карда истода, шароити манзилиамон бо ду нафар кӯдакони хурдсол бениҳоят бад аст.

Дар моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки: "Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд".

Мутобиқи қисми 1 моддаи 3 Конвенсия "Оид ба ҳуқуқи кӯдак" аз санаи 20 ноябри соли 1989, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудааст, "Дар тамоми амалҳо нисбати кӯдак, сарфи назар аз он, ки онҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ё хусусии машғул ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, суд мақоми маъмурӣ ё қонунгузорӣ андешида мешавад, ба таъмини ҳарчи хубтари манфиатҳои кӯдак таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда мешавад".

Мутобиқи талаботи қисми 1-и моддаи 24 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони молик, ки дар манзили истиқоматии молик бо ӯ доимӣ истиқомат мекунанд, аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф карда мешаванд.

Ман ҳангоми ба манзили мазкур маскун шудан, бо ҳамроҳии молик, яъне хусурам ва шавҳарам ҳамчун як оила, бо пешбурди хоҷагии умумӣ зиндагӣ мекардем. Бинобар ин, бо асосҳои дар боло зикршуда, ман ва фарзандонамон аъзои оилаи молик ба шумор меравем.

Мутобиқи банди 41-и Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон аз 13 июни соли 2014, №406 тасдиқ шудааст, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд, ки дар ҷойи истиқомат ё маҳалли будубоши муваққатӣ дар қайд бошанд.

Мутобиқи банди 47-и ҳамин қоида, ҷойи истиқомат он ҷое маҳсуб меёбад, ки шаҳрванд дар он доимӣ ё бештари вақт истиқомат менамояд - бинои истиқоматӣ, хонаи истиқоматӣ, хонаи истиқоматии хизматӣ, хонаҳои махсусгардонидашуда (хобгоҳ, хона-интернат барои шахсони яккаву танҳо, пиронсолон ва маъюбон, хонаи кӯдакон, хонаи бачагон, мактаби махсус), инчунин дигар биноҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фонди манзил дохил мешаванд (минбаъд — хонаҳои истиқоматӣ).

Ҷои зисти доимии ман ва фарзандонам шаҳри _________, ноҳияи _______, кӯчаи _________, хонаи ____ *(суроғаи манзили ҷавобгар II)* ба шумор меравад, чунки мо зиёда аз се сол дар ин суроға зиндагӣ кардаем.

Дар асоси талаботҳои моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 1 моддаи 3 Конвенсия "Оид ба ҳуқуқи кӯдак" аз санаи 20 ноябри соли 1989, қисми 1-и моддаи 24 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 41 ва 46-и Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд-

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ман, _______________ *(ному насаби даъвогар)* ва фарзандони ноболиғам __________ *(ному насаби фарзанди I)* санаи таваллудаш 24 майи соли 2019 ва ____________ *(ному насаби фарзанди II)* санаи таваллудаш 03 маи соли 2022, аъзои оилаи молики манзили истикоматии воқеъ дар шаҳри _________, ноҳияи __________, кӯчаи _________, хонаи ___, яъне ____________ *(ному насаби ҷавобгар II)* эътироф карда шавем.

Ман, _______________ *(ному насаби даъвогар)* ва фарзандони ноболиғам _____________ *(ному насаби фарзанди I)* санаи таваллудаш 24 майи соли 2019 ва ________________ *(ному насаби фарзанди II)* санаи таваллудаш 03 маи соли 2022, ба манзили истикоматии воқеъ дар шаҳри шаҳри ________, ноҳияи _______, кӯчаи ________, хонаи ____ *(суроғаи манзили ҷавобгар II)*, дар ҳуҷраи масоҳаташ 15,9 метри мураббаъ, бо истифодабарии ҳуҷраҳои ёрирасон: ошхона, ҳоҷатхона, ҳамом, роҳравҳо маскун карда шуда, дар қайди зисти доимии манзили мазкур гузошта шавем.

**Замима:**

1. 4 нусхаи аризаи даъвогӣ бо замимаҳои мазкур;
2. Расиди пардохти маблағи боҷи давлатӣ 3,6 сомонӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомати даъвогар;
4. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
5. Нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
6. Нусхаҳои шаҳодатномаҳои таваллуди кӯдакон;
7. Нусхаи шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ;
8. Нусхаи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ.

**Даъвогар:** ___________________ __. __. ___________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” ___________________ _______

(санаи пешниҳод намудани ариза)